# TAJIK STATE UNIVERSITY OF COMMERCE

**Course: Main directions for the development of human capital in the context of the digital economy in the Republic of Tajikistan**

## Week: 7.

## TRENDS IN THE DEVELOPMENT OF HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Rustamzoda Fitrat Muzafar**

***Lecturer of:*** Trends in the development of higher professional education in the Republic of Tajikistan

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи курс: Самтҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




## Мавзӯъи: 7

**ТАМОЮЛИ РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

*Рустамзода Фитрат Музафар*

# НАҚШАИ ЛЕКСИЯ

## 1. Муқаддима

7.1. Моҳияти тамоюлҳои асосии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

7.2. Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

7.3. Тамоюл ва хусусиятҳои асосии низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

## 2. Хулоса

Ҷамъбасти мавзуъ.

## Мақсади лексия:

Таҳсилоти олии касбӣ, омилҳо ва принсипҳои асосии таҳсилоти олии касбӣ, рушди сармояи инсонӣ, хусусиятҳои асосии он, нақши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёт, сармояи инсонӣ ва омилҳои таъсиргузор дар шароити муосир, тамоюлҳои рушди таҳсилоти олии касбӣ.

## Моҳияти тамоюлҳои асосии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳо ва торафт зиёдшавии хавфҳои глобалӣ ба иқтисоди кишварҳои алоҳида муҳимтарин тадбири пешгирикунанда омӯзиши ҳамаҷонибаи тамоюлҳои рушди сармояи инсонӣ ва андешидани чораҳои саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Зеро дар ин шароит омилҳои таъмини талаботи бозори меҳнат дар иқтисоди миллӣ ва коҳиши муҳоҷирати табии мутахассисон (“мағзҳо”) рушди низоми омодасозии мутахассисонро тақозо менамояд.

# Моҳияти тамоюлҳои асосии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити муосир рушди сармояи инсонӣ дар Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити рушди инноватсионии ба вуҷуд меояд[1].

Ду тамоюли асосии ба таҳсилоти олии касбӣ хос мебошад:

- Якум, ҳамгироии маориф, илм ва соҳибкорӣ;
- Дуюм, рушди таҳсилоти олии бисёрзина.

1. Сенашко В.С. О реформировании отечественной системы высшего оброзования: некоторые итоги// Высшее оброзования в России. – 2017. - №6. С. 5-15

# Моҳияти тамоюлҳои асосии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Истифодаи дастовардҳои асосии афкори илмие, ки дар доираи назарияи сармояи инсонӣ инкишоф меёбанд, нисбат ба низоми таҳсилоти олии касбӣ ба мо имконият медиҳад, ки оқибатҳои воқеии дигаргуниҳои инноватсионӣ дар соҳаи таҳсилоти олиро барои сармояи инсонӣ арзёбӣ намоем.

Зиёдшавии таваҷҷӯҳ ба омилҳои рушди иқтисодӣ боиси пайдоиш ва рушди назарияи сармояи инсонӣ гардид. Мо ин категорияро ҳамчун шакли сармоя муайян менамоем, зеро он даромадро муайян мекунад[1].

1. Бедный Б.И. Новая модель аспирантуры: pro et contra // Высшее оброзования в России. – 2017. - №4. С. 5-16

# Моҳияти тамоюлҳои асосии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ин категория шакли мушаххаси сармоя ба шумор меравад, зеро ин сармоя аз барандаи худ - шахс ҷудонашаванда мебошад, бинобар ин дар ин шакл маҷмӯи малака, қобилият, тавоноӣ ва дониши шахс муайян мегардад, ки бо ёрии он маҳсулот ё хизматрасонии нав ба вуҷуд меояд.

# Моҳияти тамоюлҳои асосии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар натиҷаи таҳлили илмии мо якчанд категорияҳои сармояи инсонӣ муайян гардиданд:

- аз як тараф, сармояи инсонӣ дар асоси методологияи анъанавӣ, ки яке аз омилҳои истеҳсолот маҳсуб мешавад;
- аз ҷониби дигар, сармояи инсониро натиҷаи рушди ҷомеа аз иқтисоди азхудкунанда ба истеҳсолкунанда, ки дар асоси методологияи марксистӣ асос ёфтааст, зарур мешуморанд;
- аз тарафи сеюм бошад, сармояи инсониро ҳамчун миқдори оморӣ баррасӣ менамоянд.

# Моҳияти тамоюлҳои асосии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳамин тариқ, гузаришҳоро ба сармояи инсонӣ ва онро аз нуқтаи назари муносибати институтсионалӣ ҳамчун унсури низоми умумӣ баррасӣ намуда, мо сармояи инсонии донишгоҳро ҳамчун маҷмӯи дониш, малака, қобилият ва ангезаҳои ҷамъшуда муайян намуда, ки дар низоми салоҳияти касбӣ, маълумот ва маърифат, фарҳанг, саломатӣ ифода ёфтааст, ки шахс дар фаъолияти худ онҳоро бошуурона истифода мебарад, пешбинӣ шудааст.

# Моҳияти тамоюлҳои асосии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Як навъ интиқолдиҳандаи ин шакли сармоя кормандони донишгоҳ ба ҳисоб мераванд, ки аз истифодаи он дар шакли музди меҳнат ва мукофотҳои иловагӣ ҳам дар сатҳи донишгоҳ ва ҳам дар сатҳи давлатӣ ва дигар шахсони манфиатдор даромад мегиранд.

Мо чунин мешуморем, ки сармояи инсонии низоми таҳсилоти олии касбиро ҳам дар сатҳи шахс, яъне сармояи инсонии инфиродӣ ва ҳам дар сатҳи ташкилотҳои ба ин низом дохилшаванда баррасӣ ва арзёбӣ намоем.

# Моҳияти тамоюлҳои асосии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Пас ба сармояи инфиродии корманди низоми таҳсилоти олии касбӣ инҳо дохил мешаванд:

- сармояи саломатӣ, ки бо сатҳи фаъолият, қувваи ҷисмонӣ ва устувории шахс, иммунитет ва давраҳои кории фаъол тавсиф мешавад;
- сармояи меҳнатӣ, ки бо дараҷаи тахассус, малака ва таҷриба, яъне таҷрибаи умумии корӣ ва таҷрибаи корӣ аз рӯйи ихтисос тавсиф шаванда;
- сармояи зеҳнӣ, ки бо ҳиссаи меҳнати зеҳнӣ ва фаъолияти эҷодӣ, сатҳи заковат ва навоварӣ тавсиф мегардад;

# Моҳияти тамоюлҳои асосии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

- сармояи ташкилӣ ва соҳибкорӣ, ки бо сатҳи соҳибкорӣ ва қобилияти ташкилотчигӣ, қобилияти қабули қарорҳои муассири идоракунӣ асос меёбад;
- сармояи фарҳангӣ ва маънавӣ, ки бо ахлоқи корӣ, одоб ва риояи қонун хос аст;
- сармояи таълимӣ, ки бо сатҳи таҳсилоти корманд, мавҷудияти унвон ва дараҷаи илмӣ тавсиф мешавад;
- сармояи ҳавасмандгардонӣ сатҳи садоқати кормандро ба кор ва сифати натиҷаҳои фаъолияти ӯро дар бар мегирад ва ҳавасманд гардонида мешавад.

## Моҳияти тамоюлҳои асосии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сармояи инсонии донишгоҳ дар навбати худ аз инҳо иборат аст: дороиҳои инфиродии сармояи инсонӣ; дороиҳои ғайримоддии ташкилӣ дар шакли патенту ихтироот ва ғайра.

# Моҳияти тамоюлҳои асосии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сармояи инсонии донишгоҳ бо як қатор хусусиятҳое тавсиф мегардад, ки аз як тараф, бо хусусиятҳои худи сармояи инсонӣ ва аз тарафи дигар, бо мансубияти соҳаи онҳо муайян карда мешаванд[1]. Тақсимоти сармояи инсоние, ки Г. Беккер анҷом додааст, ба ду ҷузъ асос ёфтааст – мушаххас, яъне танҳо барои кор дар корхонаи мазкур муфид ва умумӣ, яъне барои кор дар дигар корхонаҳо муфид – метавонад ҳангоми таҳлили низоми таҳсилоти олии касбӣ истифода гардад.

1. Строгин Р.Г. Управление вузом
в новых условиях // Высшее оброзования
в России. – 2017. - №10. С. 5-12

# Моҳияти тамоюлҳои асосии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Инчунин сармояи инсониро, ки дар системаҳои беруна нисбат ба системаи баррасишаванда амал мекунад, умумӣ ва махсус - танҳо дар доираи низоми таҳлилшуда метавон ҳисоб кард.

Аз нуқтаи назари, Мельников О.Н., Чибисова В.Г. хусусиятҳои хоси сармояи инсонии таҳсилоти олии касбӣ чунин муайян гардидаанд:

- Якум, низоми маориф ягона низомест, ки дар он сармояи инсонӣ ташаккул, ҷамъоварӣ ва такрористеҳсол карда мешавад.

# Моҳияти тамоюлҳои асосии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

- Дуюм, ҳиссаи зиёди ҷузъҳои зеҳнӣ боиси номутавозунӣ ва асимметрии рушди сармояи инсонӣ мегарданд.
- Сеюм, хусусиятҳо бо тамоюлҳои коҳиши ёфтани сармояи инсонӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ тавсиф мешаванд.
- Чаҳорум, навовариҳо дар соҳаи менеҷменти таҳсилоти олии касбӣ бо ақибмонии тӯлонии инноватсионӣ тавсиф мешаванд, яъне вақт аз пайдоиши идея то лаҳзаи татбиқи он раванди бисёрсола мебошад.
- Панҷум, тағйироти хусусиятҳои сифатии сармояи инсонии низоми таҳсилоти олии касбӣ ба назар мерасад[1].

1. Мельников О.Н. Чибисова В.Г. Инновационный подход к реорганизации системы управления кадрами, персоналом и человеческими ресурсами // Высшее оброзования в России. – 2017. - №4. С. 5-16

# Моҳияти тамоюлҳои асосии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Талабот нисбати чунин муассисаҳо рӯз аз рӯз афзоиш меёфанд ва одамон бештар кӯшиш менамуданд, ки дар чунин муассисаҳо таҳсил намоянд ва дар оянда тавонанд дорои дониш, малака, таҷриба ва мутахассиси баландихтисос гарданд.

Дар шароити муосир таваҷҷӯҳ ба ташакул ва рушди низоми таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи баланд қарор дорад. Зеро рушди ҷомеа аз ин зина вобаста мебошад.

# Моҳияти тамоюлҳои асосии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Барои қонеъ намудани талаботҳои истеъмолкунандагон муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳадафҳо, мазмун, усулҳо ва шаклҳои ташкилиро доро бошанд.

Қайд намудан зарур аст, ки Ҳукумати кишвар барои боз ҳам рушд додани низоми таҳсилоти олии касбӣ дар мамлакат тадбирҳои мушаххас андешида истодааст. Муҳимияти таҳсилоти олиро барои рушди кишвар Ҳукумати мамлакат дарк намуда, барои такмили низоми маориф тадбирҳо меҳандешад, аз ҷумла, Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ ба кор даромад.

# Моҳияти тамоюлҳои асосии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон




**Расми 1. Нишондиҳандаҳои муассисаҳои таҳсилотои олии касбӣ ва шумораи донишҷӯёни дар онҳо таҳсилкунанда (дар оғози соли таҳсил).**

[1] – аз ҷумла филиалҳо

**Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**АОНПҶТ, Душанбе - 2023. - С. 53**

# Моҳияти тамоюлҳои асосии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар расми 1 тағйирёбии шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва шумораи донишҷӯён, ки аз рӯи шаклҳои гуногуни таълим таҳсил мекунанд, пешниҳод шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар солҳои таҳсили 2012-2013 ва 2022 - 2023, 6 адад зиёд шудааст, яъне агар дар соли 2013 дар ҷумҳурӣ 38 муассисаҳои таҳсилоти олӣ фаъолият дошта бошад, пас дар солҳои таҳсили 2022-2023 шумораи онҳо 46 ададро ташкил намудааст.

Умуман таҳлил нишон медиҳад, ки шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар давраи таҳлилшаванда 6,2 ва шумораи донишҷӯён 3,8 маротиба зиёд шудааст.

# Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Пешрафти низоми таҳсилоти олии касбӣ аз бисёр омилҳои гуногун вобаста буда, ба андешаи мо барои арзёбии самарабахшии он шумора ва сифати барномаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд мавриди таҳлил қарор дода шавад. Ҳамзамон бо ин, шакли таълими рӯзона ё фосилавӣ ба сифати омодасозии мутахассисон таъсири калон дорад.

# Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон




**Расми 1. Тағйирёбии шумораи донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (бо % нисбат ба соли таҳсили гузашта)[1].**

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон АОНПҶТ, Душанбе - 2023. - С. 53-54.

# Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар расми 1 тағйирёбии шумораи умумии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар давраи аз соли таҳсили 2000/2001 то соли таҳсили 2022/2023 оварда шудааст.

# Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар робита бо бесамара будани шакли ғоибонаи таълим ва рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ аз соли таҳсили 2017-2018 шурӯъ намуда, дар ҷумҳурӣ қарор дар бораи қабули донишҷӯён ба ҷои омӯзиши ғоибонаи таҳсил ба шакли таҳсилоти фосилавӣ чун намуди пешрафтаи таҳсил қабул карда шуд. Дар расми 1 сохтори тақсимоти донишҷӯён ба шаклҳои гуногуни таҳсил оварда шудааст.

# Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон




**Расми 1. Нишондиҳандаҳои тақсимоти донишҷӯён ба шаклҳои таҳсил (*бо %*)[1].**
Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2023. - С. 53

# Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қарорҳои идоракунӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, инчунин банақшагирии шумораи умумии ҳайати профессорону омӯзгорон ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бояд дар омӯзиши тамоюлҳои асосии шумораи донишҷӯён бо назардошти дурнамо асос ёбанд. Дар навбати худ, пешбинии қабули донишҷӯён дар донишкадаҳо бояд бо дарназардошти омилҳои демографӣ ва талаботи соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва умуман бозори меҳнат гузаронида шавад.

# Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки то андозае таносуби таваллуд ва дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ба мушоҳида мерасад.

Аз ҷониби дигар таҳлили мушаххаси таносуби таваллуд ва дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нишон медиҳад, ки солҳои охир омилҳои дигар нисбатан афзоиш ёфтани шумораи донишҷӯён ва омӯзгорон мусоидат карда истодааст.

# Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз ин лиҳоз, ба ақидаи мо, ба тағйир ёфтани шумораи қабулшудагон ба таҳсил аз рӯи барномаҳои таҳсилоти олии касбӣ, на танҳо омили демографӣ, балки динамикаи арзиши таҳсил, озмун ба ҷойҳои буҷетӣ ва як қатор омилҳои дигар низ таъсир мерасонанд.

# Омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар асоси маълумотҳо хулоса баровардан мумкин аст, ки зери таъсири омили демографӣ ва болоравии сатҳи зиндагии аҳолӣ шумораи қабулшудагон барои таҳсил аз рӯи барномаҳои таҳсилоти олии касбӣ тамоюли афзоиш дар давраи аз соли 2021 то соли 2025 дорад, ки ин амал боиси на танҳо тағйир ёфтани талабот ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, балки боиси зиёдшавии шумораи ҳайати профессорону омӯзгорон мегардад.

Дар давраи солҳои таҳсили 2014/2015 то 2022/2023 тамоюли назаррас ба зиёдшавии шумораи ҳайати профессорон - омӯзгорон - ба 95990 нафар мушоҳида карда мешавад.

# Тамоюл ва хусусиятҳои асосии низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Ин тамоюл таъсири шумораи донишҷӯёни таълимгирандагонро ба шумораи ҳайати омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар давраҳои номбаршударо тасдиқ менамояд.

Тамоюл ва хусусиятҳои асосии низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз омилҳои зерин иборат мебошад:

# Тамоюл ва хусусиятҳои асосии низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

- гузариш ба низоми кредитии таҳсилот ва ворид шудан ба низоми ҷаҳонии таҳсилот - низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини болоравии сифати таълим, омода намудани мутахассисони ба талаботи бозори дохилӣ ва берунии кишвар ҷавобгӯй, сафарбар намудани донишҷӯён барои идомаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакатҳои хориҷӣ ва воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ амалӣ карда мешавад.

# Тамоюл ва хусусиятҳои асосии низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

- таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкили қабули донишҷӯён тавассути низоми имтиҳонҳои марказонидашуда;

Дастрасии баробари шаҳрвандон ба таҳсилот, аз ҷумла таҳсилоти олӣ яке аз самтҳои асосиву афзалиятноки Стратегияи миллии рушди маориф мебошад. Ва дар иртибот ба ин, бояд гуфт, ки низоми анъанавии имтиҳоноти дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар муқоиса бо таҷрибаи муосири ҷаҳонӣ кӯҳна гардида, ба талаботи замон ҷавобгӯй намебошад.

# Тамоюл ва хусусиятҳои асосии низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Зеро рушди босуръати илму техникаи муосир тақозо менамояд, ки дар самти қабули имтиҳонҳои дохилшавӣ принсипҳои шаффофият ва адолату дастрасӣ барои ҳамаи хатмкардагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ амалӣ карда шаванд.

# Тамоюл ва хусусиятҳои асосии низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Дар ин раванд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо мақсади такмили низоми миллии таҳсилоти касбӣ ва баланд бардоштани сифати омодасозии мутахассисон ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёти мамлакат бо кадрҳои баландихтисос якчанд Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбиро тасдиқ намуда, дар доираи он як силсила чорабиниҳои зарурիро амалӣ карда истодааст.

## Тамоюл ва хусусиятҳои асосии низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

- гузаронидани рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- татбиқи низоми таҳсили кредитӣ ва ташаккули низоми донишҷӯмеҳвар дар МТОК.

Яке аз воситаҳои самараноки такмили низоми таҳсилоти олӣ дар бисёр кишварҳо, амали тартиб додани рейтинги донишгоҳҳо дар назари ҷомеа, корхонаҳо ва ташкилотҳо чун корфармондеҳи имконпазир ва истеъмолкунандагони муассисаҳои хизматрасонӣ, яъне довталабон эътироф шудааст.

# Тамоюл ва хусусиятҳои асосии низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Ба назари мо, мақсади асосии таҳияи рейтингҳои донишгоҳҳо аз гирифтани маълумтҳои вокеӣ ва саҳеҳ дар бораи самаранокии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, сифати баланди хизматрасонӣ бо имконияти минбаъдаи ворид намудани ислоҳот ба раванди таҳсил, ошкор намудани мухолифат ва камбудиҳои мавҷудбуда аз ҷониби донишгоҳҳо дар тайер намудани мутахассисон иборат аст.

# Тамоюл ва хусусиятҳои асосии низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Ба андешаи мо, гузаронидани рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тайи солҳои охир собит менамояд, ки барои баланд гардидани нишондодҳои рейтингӣ миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ рақобат ба назар мерасад.

Ин боис мегардад, ки дар маҷмуъ рейтинг барои баланд бардоштани сатҳи сифати таълим, рушди сармояи инсонӣ ва омода намудани мутахассисони баландихтисоси талаботи бозори меҳнат таъсири худро расонад.

# Тамоюл ва хусусиятҳои асосии низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Баланд бардоштани сифати таҳсилот вазифаи асосии донишгоҳ мебошад, зеро таҳсилот - яке аз омилҳои муҳими ташаккули захираҳои зеҳнии ҷомеа ва рушди қувваи истеҳсолии он мебошад. Бинобар ин, имрӯз вазифаҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот (таълим) дар донишгоҳ ба мадди аввал гузошта шудааст.

# Тамоюл ва хусусиятҳои асосии низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани сифати таълим ва тайёр намудани мутахасссисони баландихтисоси талаботи бозори меҳнат ин ҳадафмандона аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ намудан дар соҳаи маориф мебошад.

# Тамоюл ва хусусиятҳои асосии низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ




**Расми 1. Харочоти бучети давлатии Ҷумҳурии Точикистон ба соҳаи маориф, аз он чумла ба низоми таҳсилоти олӣ**
**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси АОНҲЧТ.**

# Тамоюл ва хусусиятҳои асосии низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Дар асоси таҳлили ҳолати муосири рушди бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ тамоюли мусбӣ ва манфӣ дар рушди низоми таҳсилоти олии касбӣ мушоҳида карда шуд.

Ба андешаи мо, ба тамоюлҳои мусбат чунин омилҳоро метавон пешниҳод менамояд:

- гузариш ба бисёрзинагии таҳсилот (бакалаври, магистратура ва PhD);

# Тамоюл ва хусусиятҳои асосии низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

- талаботи баланди довталабон барои гирифтани таҳсилоти олӣ, ки ба зиёдшавии миқдори донишҷӯён оварда расонид афзудааст;
- афзоиши миқдори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар бозори хизматрасониҳои таҳсилот;
- афзоиши хизматрасониҳои пулакии асосӣ ва иловагии таҳсилот;
- фаромилликунонии таҳсилот);
- компютеркунонии раванди таҳсилот;
- татбиқи таҳсилоти фосилавӣ

# Тамоюл ва хусусиятҳои асосии низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Таҳлили рушди сармояи инсонӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нишон медиҳад, ки тамоюлҳои мусбӣ ва манфии дар боло зикршуда ба рушди иқтидори кадрӣ таъсири хоса дошта, ба андешаи мо дар ин самт роҳандозии банақшагириҳои стратегӣ зарур мебошад.

# Тамоюл ва хусусиятҳои асосии низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

Умуман, низоми таҳсилоти олии касбӣ бояд тавре роҳандозӣ карда шавад, ки пайвасти илм ба истеҳсолот, тавлиди инноватсия ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои он боиси омодасозии сармояи инсонии ҷавобгӯйи бозори меҳнат гардад ва ҳавасмандии ҷомеа дар гирифтани ихтисосҳои гуногун дар ҳар як муассисаҳои олии касбӣ ба таври табиӣ баланд гардад.

# ХУЛОСА

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар самти мутобиқсозии низоми таҳсилот ба стандартҳои байналмилалӣ идома дорад.

Аз ҷумла, гузариш ба низоми таҳсилоти бисёрзинагӣ (бакалавр – магистр – доктор), ҷорӣ намудани низоми кредитии таълим, навсозии барномаҳои таълимӣ ва мутобиқсозии онҳо ба талаботи бозори меҳнат аз тамоюлҳои асосии рушди соҳа ба ҳисоб мерав518д.

Илова бар ин, муассисаҳо бештар ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, таҳсили фосилавӣ ва шаклҳои инноватсионии таълим рӯ овардаанд. Тамоюл ба густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ, ҷалби лоиҳаҳои хориҷӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии кадрҳо дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ низ мушоҳида мешавад.

# Адабиёт:

1. Сенашко В.С. О реформировании отечественной системы высшего оброзования: некоторые итоги// Высшее оброзования в России. – 2017. - №6. С. 5-15

2. Бедный Б.И. Новая модель аспирантуры: pro et contra // Высшее оброзования в России. – 2017. - №4. С. 5-16

3. Строгин Р.Г. Управление вузом в новых условиях // Высшее оброзования в России. – 2017. - №10. С. 5-12

4. Мельников О.Н. Чибисова В.Г. Инновационный подход к реорганизации системы управления кадрами, персоналом и человеческими ресурсами // Высшее оброзования в России. – 2017. - №4. С. 5-16

5. Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон АОНПҶТ, Душанбе - 2023. - С. 53-54.